**Суратмаҷлиси №40**

**Маҷлиси шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «13» декабри соли 2025 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 17 нафар аъзои шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048 13- уми декабри соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, Ҳасанов Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 17 нафар аъзои шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025 таҳти №271/ҳя тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи

Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод аст? Тарафдорон- 15 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи якдафъаинаи ошкорои рисолаи номзадии Шоҳсанами Ризо дар мавзуи «Методикаи ташаккулдиҳии завқи инноватсионии хонандагон доир ба бозиҳои математикӣ дар синфҳои 5-9» аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)).

Диссертатсия дар кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Сафарзода Мунир Ватан** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Назаров Аҳтам Пулотович**- доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (айни ҳол профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон).

**2. Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсети кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ Ҳасанов Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

3. **Унвонҷӯ:** Шоҳсанами Ризо мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Раҷабов Т.Б., Файзализода Б.Ф., Холназаров С., Гулова М., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ **Сафарзода Мунир Ватан -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар,** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Шоҳсанами Ризо бо имзои раиси ҷаласа декани факултети механикаю матикатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.тех., дотсент, Саидзода Исроил Маҳмад, эксперт, н.и.п., мудири кафедраи методикаи таълими математика ва геометрия Курбанов Сулаймон Раджабекович, ва котиби ҷаласа н.и.ф-м., дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва геометрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исматов С.Н. омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. аз 18- уми ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, дараҷаи этимоднокии диссертатсия, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Шоҳсанами Ризо дар мавзуи «Методикаи ташаккулдиҳии завқи инноватсионии хонандагон доир ба бозиҳои математикӣ дар синфҳои 5-9» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295)

ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)), сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Назаров Аҳтам Пулотович**- доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (айни ҳол профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон).
2. **Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсети кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-048 ба автореферати Махкамова М.Р. тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ворид шудаанд:

1. Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – д.и.п., профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
2. Шарипов Бегиҷон Рамазонович- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.
3. Ғафурова Дилором- н.и.п., дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
4. Қурбонова Умеда Талабовна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамии

Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Шоҳсанами Ризо пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Шоҳсанами Ризо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: д.и.ф-м. профессор Комилӣ А.Ш., д.и.п., профессор Раҷабов Т.Б. ва н.и.ф-м., дотсент Абдураҳимов А.О. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 15 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 15 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои **якдафъаинаи** диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.02- назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои

диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295),

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Бромад ва муҳокимаи диссертатсияи Шоҳсанами Ризо дар мавзуи «Методикаи ташаккулдиҳии завқи инноватсионии хонандагон доир ба бозиҳои математикӣ дар синфҳои 5-9», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Назаров Аҳтам Пулотович**- доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсети кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Шоҳсанами Ризо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Шоҳсанами Ризо аз рӯи ихтисоси 13.00.02- назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ))- ро дастгирӣ намуда, барои ба Шоҳсанами Ризо додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 15 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **СатторовА.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**
“_13_”___12___ 2025

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
ҶМ